*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №144 (4884) | ДУШАНБЕ, 25 НОЯБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## ОИНИ ПАРЧАМДОРИИ МО УМРИ ҶОВИДОНӢ ХОҲАД ДОШТ

**Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**24 ноябри соли 2024, шаҳри Душанбе**

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи Парчами давлатӣ, ки рамзи соҳибихтиёрӣ, ваҳдату ягонагӣ ва сарфарозии миллати куҳанбунёдамон мебошад, самимона табрик мегӯям.

Оини парчамдории халқи мо дар масири таърихи чандинҳазорсолаи он умеду ормон ва дастовардҳои мардуми сарбаланди мо, яъне давраҳои гузаштаи давлатдории тоҷикон ва даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистони навинро таҷассум менамояд.

Тасвиру хусусиятҳои хоси Дирафши ковиёнӣ, ки ҳоло дар Ливои Президенти Тоҷикистон ҳамчун рамзи пойдории давлатдории миллии мо инъикос ёфтаанд, таҷассумгари асолату ҳувияти миллӣ ва нангу номуси тоҷикон ҳамчун миллати тамаддунсоз ва соҳиби таърихи бостонӣ ба шумор мераванд.

Парчами давлатӣ дар раванди бунёди давлатдории навин нишонаи возеҳи соҳибдавлатии миллат, мояи ифтихори шаҳрвандон ва омили муҳимтарини иттиҳоду сарҷамъии мардум ба хотири ҳимояи истиқлолу озодии Ватан ва илҳомбахши ҳар як фарди ҷомеа барои заҳмати содиқона ба хотири фардои ободу осуда мебошад.

Хусусан, дар вазъи мураккабу пешгӯинашавандаи ҷаҳони имрӯза Парчами давлатии мо ба рамзи ҳувияти миллӣ, садоқат ба Ватан, ҳифзи марзу буми он ва ҳимояи манфиатҳои давлату миллат табдил ёфтааст.

Сатрҳои «Зи дурии замонаҳо расидаем, ба зери Парчами ту саф кашидаем», ки дар Суруди Миллии кишвар садо медиҳад, дар замири ҳар як шахси огоҳу бедордил хотираи пур аз ифтихори таърихӣ ва эҳсоси садоқат ба оину анъанаҳои деринаи миллиро бедор месозанд.

Тайи 33 соли истиқлоли давлатӣ мо тавонистем, ки маҳз таҳти Парчами миллии худ раванди эъмори давлати пояндаи хешро бар пояи арзишу суннатҳои миллӣ вусъат бахшем.

Чанд рӯз пеш мо 30-юмин солгарди қабули нахустин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибихтиёрро ботантана таҷлил намудем, ки дар он Парчам ҳамчун яке аз рамзҳои муқаддаси давлатӣ, нишонаи ҳастӣ ва пойдории давлатдории миллии тоҷикон дарҷ гардидааст. Яъне, Парчами давлатӣ дар радифи Суруди Миллӣ ва Нишони давлатӣ аз ҷумлаи муқаддасоти миллии мо мебошад.

Дастовардҳои замони соҳибистиқлолии кишвар баёнгари воқеияте мебошанд, ки мардуми шарафманди тоҷик таҳти Парчами давлатии худ имкони ба таърихи гузашта ва мазмуну моҳияти воқеии давлатдории навини хеш бо чашми ибратомӯз ва диди нав назар намуданро пайдо карданд.

Маҳз дар заминаи чунин ҷанбаҳои ибратомӯзи таърихи пурифтихори худ мо ба сӯи ояндаи дурахшони давлат, Ватан ва халқи ободгару созандаамон бо эътимоди қавӣ ва қадамҳои устувор пеш рафта истодаем.

Ба ин маънӣ, оини парчамдории мо ҳамчун суннати пайвандгари наслҳо ва омили иттиҳоду сарҷамъии сокинони мамлакат умри ҷовидонӣ хоҳад дошт.

**Ҳамватанони арҷманд!**

Имрӯз Тоҷикистони маҳбуби мо таҳти партавафшонии Парчами давлатии худ дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари ташаббускору сулҳдӯст муаррифӣ гардида, ҷомеаи ҷаҳонӣ ибтикороти моро ба хотири ҳалли мушкилоти глобалӣ, аз ҷумла обу иқлим ва дигар масъалаҳои мубраму доғи рӯз, дастгирӣ мекунад.

Ҳоло Парчами давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар радифи парчамҳои давлатии дигар кишварҳои олам дар созмонҳои бузурги байналмилалӣ партавафшон мебошад, ки дар баробари эҳсоси ифтихор масъулияти ҳар як фарди ҷомеаро баланд мебардорад.

Аз ин лиҳоз, эҳтироми Парчами давлатӣ ва дигар муқаддасоти миллӣ ҳамчун рамзҳои муқаддаси давлати соҳибистиқлол аз ҷумлаи вазифаҳои пурифтихор ва қарзи виҷдониву инсонии ҳар як шаҳрванд дар дохил ва хориҷ аз кишвар ба ҳисоб меравад.

Арҷгузорӣ ба Парчами давлатӣ аз ҷониби сокинони кишвар, ба таври шоиста ва дар ҷойҳои муносиб афрохтани он, аз ҷумла дар кӯчаву хиёбонҳои шаҳру ноҳияҳо, муассисаҳои таълимӣ, иншооту биноҳои маъмуриву хизматрасонӣ, хати марзи сарҳади давлатӣ, инчунин, дар манзилҳои истиқоматӣ, нишонаи ифтихор аз давлату давлатдории навини тоҷикон мебошад.

Мо ба фарзандони худ ҳанӯз аз хурдсолӣ бояд ҳамеша талқин намоем, ки Парчами давлатӣ шарафи инсонӣ, нангу номуси миллӣ ва рӯйи сурху сари баланди ҳар як фарди ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Хотирнишон месозам, ки мо таҳти Парчами давлатӣ ба дастовардҳои бузург, аз ҷумла ваҳдати миллӣ ва даврони созандагӣ, расидем ва минбаъд низ бо ҳамин рамзи муқаддас сиёсати созандагиву бунёдкоронаро ба хотири баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии ҳар як хонадони мардуми кишвар, бунёди ҷомеаи адолатпарвар, озоду демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ пеш хоҳем бурд.

Бори дигар тамоми ҳамватанони азизро ба ифтихори Рӯзи Парчами давлатӣ самимона табрик гуфта, орзумандам, ки ин рамзи муқаддаси Тоҷикистони соҳибистиқлол бар сари давлату миллати шарафманду сарбаланди тоҷик ба таври ҷовидона партавафшон бошад ва моро ба сӯи ояндаи ободу осуда раҳнамун созад.

**Рӯзи Парчами давлатӣ муборак бод, ҳамватанони азиз!**

## БАРҚИЯИ ТАСАЛЛИЯТ

**24-уми ноябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иртибот ба ҳалокат ва ҷароҳат бардоштани шумораи зиёди шаҳрвандони Ҷумҳурии Исломии Покистон, ки бар асари ҳамлаи золимонаи террористӣ ба корвони мошинҳо дар минтақаи шимолу ғарби ин кишвар рух додааст, ба Президент ва Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон муҳтарам Осиф Алӣ Зардорӣ ва муҳтарам Шаҳбоз Шариф барқияи тасаллият ирсол намуданд. Дар он аз ҷумла, омадааст:**



«Мо ин амалкарди ваҳшиёнаи неруҳои ҷиноятпешаро қотеона маҳкум карда, ҳамдардиву тасаллияти самимии инҷонибро ба Шумо, пайвандону наздикони қурбониёни ин амали террористӣ ва тамоми мардуми дӯсти Покистон изҳор менамоем. Ба ҳамаи осебдидагон шифои комил мехоҳем».

**www.prezident.tj**

## ПАЁМИ ШОДБОШИИ

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба муносибати Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**23 ноябри соли 2024, шаҳри Душанбе**



**Ҳамдиёрони азиз!**

Боиси шарафмандии ҳар як тоҷику тоҷикистонист, ки халқи бузурги мо боз дар ростои як ҷашни муқаддасу пурифтихор - Рӯзи Парчами давлатӣ қарор дорад. Ба ин муносибат кулли шаҳрвандони мамлакати азизамонро, ки ҳамасола онро бо дастовардҳои арзишманд истиқбол мегиранд, самимона табрик мегӯям.

Барои халқи куҳанбунёду тамаддунофари тоҷик вожаҳои дирафш, парчам ва ливо ҳамеша чун рамзи ватандорӣ, сарбаландӣ ва шуҷоату мардонагӣ ба ҳисоб мераванд.

Таърихан дар тамоми давраи ташаккулёбии давлатдории тоҷикон парчам ҳамеша дар сафи пеши муборизa қарор дошта, василаи муттаҳидкунанда, сарчашмаи неруву тавонмандӣ дар роҳи посдории дастовардҳо, созандагиву бунёдкорӣ ва сармояи ифтихори миллӣ мебошад.

Вақт собит намуд, ки Парчами давлатӣ дар вазъияти ниҳоят ҳассос - оғози марҳилаи нави давлати ҷавону тозаистиқлоли Тоҷикистон қабул гардид. Парчами давлатӣ ҳамаи моро дар майдони созандагии Ватан муттаҳид намуда, ҳисси миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва худшиносиву худогоҳиро тавсеаву тақвият бахшид.

Воқеан, имрӯз дар ҷаҳони муосир ҳар як давлати мустақилу соҳибихтиёр тавассути парчами он муаррифӣ мегардад. Аз ин рӯ, эҳтиром ва арҷ гузоштан ба Парчами давлатӣ маънои эҳтирому арҷгузорӣ ба арзишҳои деринаи таърихӣ ва фарҳангиву маънавии миллӣ ва гузашта аз ин, эҳтироми миллат ва давлату давлатдорӣ мебошад, зеро Парчами давлатӣ дар баробари Конститутсия, Нишони давлатӣ ва Суруди Миллӣ аз ҷумлаи муқаддасоти милливу давлатӣ маҳсуб мешавад.

Бори дигар ҳамаи Шумо, ҳамдиёрони азиз, сокинони сарбаланди пойтахт ва кулли ҳамватанони бурунмарзиамонро ба муносибати ин ҷашни пурифтихор самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар як сокини мамлакат сулҳу оромӣ, файзу баракат ва иқболу хушбахтӣ орзумандам.

**Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муборак!**

## РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ ДАР РОССИЯ




**21-уми ноябри соли 2024 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи навбатии шуро ва ҷаласаи 57-уми пленарии Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия сафар карданд.**

Дар ин сафар Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалиро раисони кумитаҳои Маҷлиси миллӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ намуданд.

**21- уми ноябри соли равон Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ вориди шаҳри Санкт-Петербург шуданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Пулково меҳмони олиқадр - Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалиро намояндагони расмии Шурои Федератсияи Маҷлиси федералии Федератсияи Россия ва шаҳри Санкт-Петербург, сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Россия ва дигар шахсони расмӣ самимона пазирой карданд.

**21-уми ноябри соли ҷорӣ ҷаласаи навбатии Шурои Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор гардид.**

Дар ҷаласаи мазкур Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва роҳбарони дигар ҳайатҳои парламентӣ иштирок намуданд.

Ҷаласа бо суханони ифтитоҳии Раиси Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Раиси Шурои Федератсияи Маҷлиси федералии Федератсияи Россия Валентина Матвиенко оғоз гардида, нахуст рӯзномаи ҷаласаи шуро тасдиқ карда шуд.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**



# НАҚШИ ШАХС ДАР ТАЪРИХ

**Саҳми инсон дар таърих аз умдатарин масъалаҳои омӯзиш, таҳқиқ, арзёбӣ ва хулосабарорӣ мебошад. Ва аз Дунёи Қадим то ба имрӯз мавзуи баҳс интихоб шудааст: магар инсон таърихро офаридааст ё таърих аз хосияти фавқулодаи қонунмандии тараққиёт ва рушду инкишоф бархӯрдор аст?**

Дар ҳар сурат, назария ва амалияи тақдири кишварҳои олам омили инсониро ҷузъи муайянкунандаи бунёди давлат ва такондиҳандаи ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла рушди давлатдорӣ, эътироф менамояд. Софокл таъкид мекунад: **«Дар дунё қувваҳои бузург бисёранд. Аммо бузургтар аз Инсон дар табиат дигар неруе нест. Ӯ дар олам ғолибона қадам мезанад. Тамоми намуди қувваҳоро тавассути ақлу фаросати одамӣ паси сар карда. Лекин боз зӯрии Ақли Инсон дар он аст, ки ояндаро ҳушмандона пешгӯӣ карда метавонад».**

Омӯзиши сифатҳои шахсият воситаи муҳими дарки воқеияти имрӯз ва ояндабинии чараёни рушди ҷомеа мебошад. Ба хотири он ки тибқи таъкиди нобиғагони классик, **«таърих чизе нест, ба ҷуз фаъолияти ба мақсад нигаронидашудаи инсон».**

Ҳамзамон, бояд донист, ки сарчашмаи асосии мақсадгузорӣ, на шуури инсон, балки раванди воқеаҳои ҷамъиятӣ, олами объективӣ мебошад ва шахсро барои ҷуръат, тасмимгирию амал такон медиҳад. Сафарбар менамояд. Воқеият аст, ки ниёз ба амалро ногузир мегардонад.

Аз лиҳози дигар, ба таъбири академик И. Ковалченко: **«ҳар насли таърихии инсоният дар давраи мушаххаси замон аз захираҳои таъйингардидаи моддӣ ва маънавие бархӯрдор аст, ки системаи муносибатҳои истеҳсолӣ, сиёсӣ, ва мадании давр онро фароҳам овардааст. Ва ин насл ҳангоми фаъолият қодир аст, фақат аз ҳамин захираҳо истифода намояд. Фаъолияти худро ташкил кунад.**

**Дуруст аст, ки дар натиҷаи амали мақсаднок ин захира ва ин имконот метавонанд такмил ва муносибатҳо тағйир ёбанд, аммо амал кардан, танҳо ва фақат дар доираи ана ҳамин имкониятҳо ва ана ҳамин захираҳо сурат гирифта метавонад».**

Яъне, фаъолияти раҳбари сиёсии ҷомеа, ки бо амри тақдир масъулияти сарвари миллат ба дӯши ӯ меафтад, дар доираи ду омил – моддӣ ва маънавӣ маҳдуд аст.

Таҳлил, баррасӣ ва арзёбии шахсияти раҳбари сиёсӣ аз он ҷиҳат ҳам қобили таваҷҷуҳ аст, ки сарфи назар аз замон ва мушкилоти рӯ ба рӯйи ҷомеа, фазилати ӯ муҳитсоз ва омили ташаккули навъи боварӣ, эътимод, ахлоқ ва маънавиёти табақаҳои гуногуни ҷомеа мегардад.

Яке аз самтҳои омӯзиши сифати шахсияти раҳбар, инъикоси фаъолияти ӯ дар ҳолати динамикӣ – қудрати пешрафт, ҳалли мушкилот ва сарнавишти сиёсии ҷомеа, ки новобаста аз иродаи зимомдори мамлакат арзи вуҷуд кардааст, маҳсуб мегардад.

**Насли мо шоҳиди сиёсати амалии Сарвари кишвар дар мушкилтарин даврони давлатдории тоҷикон, охири асри XX ва нимаи аввали асри XXI аст.**

Ман, ҳамчун шаҳрванд, шоҳиди воқеӣ ва иштирокдори раванди сиёсати амалӣ зери раҳбарии Қаҳрамони миллати тоҷик, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳастам.

**Аз ин лиҳоз, барои мо арзишмандии табиат ва нақши шахсияти Раҳбар дар тулӯи мушкилнафаси давлатдории миллӣ, шароити ниҳоят сангини гирдоби таърихӣ, даврони тақдирсоз, қонунмандии ҷараёни тараққиёти ҷамъиятии замон чун оина равшан аст.**

Волотарин сифати роҳнамо дар қудрати қабули қарор ва амалӣ кардани он дар чаҳорчӯбаи таъмини суботи миллӣ ва рушду тараққиёти мамлакат аён мегардад.

Нақшаи ба ниёзҳои мардумӣ ҷавобгӯ, тахассусмандона ва дақиқ пешбинигардидаи зина ба зина ба эътидол овардани вазъи мамлакат, нишонаи аслии ин сиёсат ба ҳисоб меравад.

**Бузургтарин фоҷиа барои мардумони олам низоъ бар мабнои динӣ – мазҳабӣ ва миллӣ – маҳалгароӣ ба шумор меравад. Бо ангезаҳои умқӣ ва носолими руҳиву равонӣ, ки хосияти ҳамагонии қишрҳои васеи мардумиро касб мекунад, ҳаллу фасли чунин даргириҳо аз мушкилтарин вазифаҳои сарварони кишвар, ҳатто наслҳо, мегардад. Ҳамасрони мо шоҳиди чунин воқеаҳои хуношоми тӯлонӣ дар Сурия, Ироқ, Яман, Сомалӣ, Судон ва даҳҳо кишвари дигари олам мебошанд. Хирадмандии Роҳбари давлат, дараҷаи олии тавони ҳаллу фасли мушкилоти инсонӣ, ки дар қазияи фалокати миллати тоҷик зуҳур гардид, аз сифатҳои олӣ ва фарқкунандаи Сарвари Тоҷикистон мебошад.**

Дар баробари ин, дар шароити хазинаи холии давлат, кӯшиши умдаи ҳукумат – масъалаи бо нон таъмин кардани аҳолӣ буд.

Тавассути қабули қарорҳои ғайримаъмулӣ ба мардум заминҳои корам тақсим карда шуд. Дигар чораҳои фавқулодаи наҷот аз гуруснагӣ ва касалиҳои марбут ба ин вазъ рухдода, батадриҷ амалӣ гардиданд.

**Роҳбари давлат муътақид аст, ки мавҷудияти инсон дар ҷомеа хосияти мухтор надорад. Маҳсули фазо, муҳит, вазъият ва воқеият аст. Рушди инсониро масъалаи ҳаётан муҳим ва замонати тараққии устувори имрӯзу ояндаи миллат эълон ва дар ин самт миллиардҳо сомонӣ сарф кард.**

Чунин назария ва усули кор раванди мақсадноки стратегӣ гирифт.

Давлат бо тамоми неру кӯшиш мекунад, ки наврасону ҷавонони мамлакат бо тарбия ва таълими босифат фарогир бошанд. Дар бораи қонунҳои тараққиёти табиат, ҷамъият ва тафаккур тасаввуроти аниқ дошта, роҳ ва усули истифодаи онҳоро омӯзанд. Агар воқеияти объективӣ ба фазои субъективӣ таъсиррасон бошад, субъект низ мебояд ба ҳолати объективии ҷомеа таъсиргузор, фазосоз, аз ҳама муҳим, омил будани худро ба намоиш гузошта тавонад.

**Зарурат ба таъкид аст, ки Илм, Дониш ва Маърифат аз ниёзҳои ҳаётан муҳими ҷомеаи башарӣ ҳастанд.**

**Кӯшиши Сарвари кишвар, ки мо солҳо шунидем ва дидем, таъкиди он нуктаест, ки «сафарбар кардани тамоми неруи инсонӣ ба самти ягона – рушди донишу маърифат мебошад. Давроне хушбахт ҳисобида мешавад, ки бузургтарин фатҳ – расидан ба қуллаҳои дониш эътироф гардад»** (*Анри Сен–Симон*)**.**

**Яке аз нишонаҳои хирадмандии Роҳбари давлат ҷиддан ба инобат гирифтани пешомадҳои фавқулода ва ғайриинтизори иқтисодӣ, иҷтимоии дохилӣ ва омилҳои берунии хосияти табиӣ ва геополитикидошта маҳсуб мегардад.**

**Муносибати Сарвари давлат дар ин мавриद аз дидгоҳи диалектикӣ бархӯрдор аст. Ӯ ба воқеият аз мавқеъ ва вусъати тағйирёбӣ, дигаргуншавӣ, инчунин, эҳтимоли таъсиррасонӣ ба вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон менигарад.**

**Ба ақидаи ӯ инсон дар ҷаҳони бесарусомонӣ ва пешгӯинашаванда бояд низоме коркард ва роҳандозӣ кунад, ки манфиатҳои миллат ва давлатро ҳимоя карда тавонад. Ҷомеаро дар ҳолати рушд ва ҷавобгӯ ба талаби замон нигоҳ дорад.**

**Ба андешаи мантиқии Роҳбари давлат дар баробари омили ирсият инсон маҳсули муносибатҳои ҷамъиятӣ аст. Тарбият, муҳит, донишу маърифат, таҷриба ва таҳлили муқоисавии таҳаввулоти зиндагӣ ва хулосаи дуруст баровардан аз он барои ташаккули шахсият таъсири муайянкунандагӣ доранд.**

**Таҳлили назария ва амалияи сиёсии Сарвари кишвар аз он шаҳодат медиҳад, ки идеали асосии ӯ сохтани давлати миллӣ тавассути тарбияи ҳисси хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ, таъмини ваҳдати миллӣ бар пояи баланд бардоштани некуаҳволии мардум аст.**

Мо эҳсос мекунем, ки ақидаҳои мазкур аз ҷаҳонбинӣ, маънавиёт ва эътиқодмандии бунёдии ин шахсияти бузург сарчашма мегиранд.

Солҳо, мутобиқ ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ, ман Сардори давлатро дар сафарҳо ҳамроҳӣ кардаам.

**Барои донистан ӯ на танҳо одамонро ба ҳузури худ мепазирад, балки борҳо пеши мардум меравад, то шахсан ба аҳвол, кору бор ва рафти зиндагиашон шинос шавад.**

**Ҳар як сухану амалаш барои он такрорнашаванда ва қолиби таваҷҷуҳанд, ки натиҷаи таҳлили таҷрибаи зиндагӣ буда, дарбаргирандаи ниёзҳои рӯзафзун ва тағйирёбандаи талаботи ҷамъиятист.**

**Мо ҳангоми иҷрои вазифа эҳсос мекунем, ки Сарвари кишвар нисбат ба мавқеъ, супориш ва вазифаҳогузориҳои худ итминони комил дорад. Аз рӯйи зинаҳои ташаккул, камолоти давлат, пуштибонии мардуми одӣ аз ин сиёсат муътақид аст, ки роҳи интихобкардааш дуруст ва адолатхоҳона аст.**

**Эътиқодмандии Президент ба ормону орзуҳои худ аз асоси воқеӣ бархӯрдор мебошад. Он бар шуурнокии ҳақиқӣ, дарки воқеии вазъ дар дохили мамлакат, минтақа ва кишварҳое, ки тақдири Тоҷикистон бо онҳо алоқамандӣ дорад, асос ёфтааст.**

**Аз диди Роҳбари давлат офарандаи таърих инсон аст. Ҳар шахс бояд масъулияти худро дар назди ҷамъият барои имрӯз ва оянда эҳсос кунад. Вазифаҳои худро донад. Онро бо дарки масъулият ва кулли имконоти руҳиву равонӣ ва ҷисмонӣ иҷро намояд.**

Дар Осиёи Марказӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона кишваре буд, ки аз рӯзҳои аввали Истиқлол ба мушкилтарин шароити сиёсӣ-ҳарбӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ гирифтор шуд.

Аз лиҳози қаламрав, мавқеи ҷуғрофӣ, релеф, захираҳои замини корам, канданиҳои фоиданок дар мавқеи ғайри қобили муқоиса бо дигар давлатҳо қарор дорад.

Дар ин маврид, **Сарвари кишвар воқеиятро дарк карда, таъкид менамояд, ки имконоти тараққиёт ва пешрафти Тоҷикистон танҳо дар канданиҳои фоиданок ва мавқеи ҷуғрофиёии он нест. Аз захираҳои маънавӣ, ақл, фаросат, дониш, тахассусмандӣ ва дараҷаи рушди илму маърифат – захираҳои инсонӣ, иродатмандии саросарии миллӣ вобастагӣ дорад.**

**Роҳбари давлат ба хирад ва касбият чун муҳимтарин воситаҳои истеҳсолот ва такомули давлатдории миллӣ муносибат мекунад. Неруи аслии инсонро на дар мавҷудияти одии ҷисмонӣ, балки дар моҳияти ҷаҳонбинӣ ва руҳи ӯ ба инобат мегирад. Баҳо мегузорад.**

Борҳо ман шоҳиди он будам, таъкид мекард, ки **ягона маҳаки шинохти инсон – дарки манфиатҳои миллӣ, мувофиқати кору амали ӯ дар лаҳзаҳои барои давлат ҳалкунанда ва ҳаётан муҳим аён мегардад. На дар сухан ва шиорпардозӣ.**

Ҳангоме ки мо дар бораи шахсияти Сарвари кишвар андеша мекунем, роҳи тайнамудаи ӯро дар зиндагӣ ба ёд меорем.

**Ӯ дар оилаи деҳқон таваллуд ва бузург шудааст. Тамоми зинаҳои ҳаёти худро дар миёни мардуми одӣ дар меҳнат, заҳмат, омӯзиш ва андӯхтани донишу таҷриба сипарӣ кардааст.**

**Хулосаи мо ин аст, ки бузургтарин устоди Роҳбари давлат таҷрибаи рӯзгор аст.**

Ҷомеа ҳамчун ҷузъи табиат дар давраҳои муайян, ҳассос ва хатарзои таърихӣ қудрати худро ба намоиш мегузорад. Таҷрибаи асрҳои аср дар хазинаҳои ирсии маънавиёти миллӣ маҳфуздоштаро аз худ нишон медиҳад.

Ҳамзамон, шахсияти бузург падидае нест, ки ба тарзи алоҳида, мухтор худро ҳамчун қаҳрамони фардӣ муаррифӣ кунад. Не. Баръакс. Шахсияти бузург онест, ки тамоми қудрати хешро барои хизмат ба ниёзҳои мардум равона кардааст.

**Аз ҷумлаи сифатҳои инфиродии Роҳбари давлати Тоҷикистон, ки мавриди эътирофи умум гаштаанд, волотарин мақом дар байни аҳли сухан дорад. Болотарин манзалат дар иҷрои қавлу амал ӯрост. Ба ҳамин васила, шуҳрату шарафу обрӯ касб кард. Мардум ӯро Пешво хонд.**

Шахсияти гениалӣ ормон, мақсад ва ниятҳои худро дар он шароит амалӣ мекунад, ки чунин нақш ба хислати маънавиёти мардумӣ ва муҳити зиндагӣ созгор ояд.

**Эҳёи миллат барои Роҳбари давлат аз масъалаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Маҳз ба ҳамин хотир, бо супориши ӯ китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров нашр ва ба ҳар як хонадони тоҷик туҳфа карда шуд. «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсиро чун қуръони Аҷам эътироф ва китоби рӯйимизии ҳар фарди ватанпарвар эълон кард.**

**Таҳлили сифатии фаъолони ба саҳнаи сиёсии солҳои навадуми асри гузашта воридшуда – яке аз фоҷиабортарин давраи таърихии миллати тоҷик нишонгари он аст, ки бидуни чунин шахсияти бузурге мисли Эмомалӣ Раҳмон, расидани миллати парокандагашта ба сулҳу субот ва таъсиси давлати ягонаи соҳибистиқлол ва ба пайроҳаи рушд раҳнамун сохтани он ғайриимкон буд.**

**Ҳамзамон бо ин, мо ҷонибдори он ақида ҳастем, ки зуҳуроти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун шахсияти фавқулодаи сиёсӣ дар таърихи миллати тоҷик падидаи ғайриинтизор нест. Ӯ ифодакунандаи рушду камол, хираду андешаи таърихии миллати тоҷик дар роҳи Истиқлоли давлатӣ, маҳсули асрҳост, ки дар нақши ин абармарди сиёсат таҷассум ёфт. Эҳёгари ормону орзуҳои миллат дар ҳазораи охир гашт.**

**Ҷойи сипос, хотиррасонӣ ва таъкид аст, ки дар муддати зиёда аз се даҳсолаи охир, таҳти роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таълимоти назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ дар масъалаи таъсис, рушд, инкишоф ва ҳимояи сохти давлатдории миллӣ коркард ва роҳандозӣ гардид.**

Аз худ кардан, инкишоф додан ва амалӣ намудани ин таълимот аз муҳимтарин вазифаҳои наслҳои имрӯзу фардо, ҳамчун замонати пойдорӣ, субот ва тараққии миллӣ мебошад.

Хотирот шакли ифодаи мавқеи шахсӣ аст.

Мо ҳамасрон, ҳамкорон, ҳамсафон ва шоҳидони даврони ҳокимияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳастем.

Рӯзу моҳу солҳо моли таърих мешаванд. Чун воқеият шакли субъективии дарки ҳастист, бидуни шубҳа, дар бораи шахсиятҳои фавқулодаи таърихӣ низ, садсолаҳо тафсир ва тавсифномаҳо идома хоҳанд ёфт. Ин зуҳуроти одӣ ва маъмулии таҷрибаи таърихи инсоният аст.

**Насли охири асри XX ва оғози нимаи аввали асри XXI мушоҳидачии фаъоли заҳматҳои бузурги муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати амалии давлатдорӣ – ташкил ва раҳбарии Ҳукумат, пешбурди кори соҳаҳои ҳаётан муҳим ва тақдирсози сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат, коркард ва роҳандозии соҳаҳои ҳаётан муҳими давлатдорӣ – иқтисодӣ, иҷтимоӣ, амниятӣ, мудофиавӣ, илм, маориф ва фарҳанг мебошад.**

**«Тасдиқ мегардад, ки истеъдод ва зуҳуроти шахсияти фавқулодаи таърихӣ хосияти модарзодӣ дорад». Ин хулосаи Гегел низ дар сифатҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон воқеияти истисноӣ нест.**

**Агар бунёдгузори давлати тоҷикон нобиғагии худро дар сиёсат ба аҳли башар нишон дода бошад, шахсияти ӯ низ барои мо ба ҳамин дараҷа омӯзанда аст.**

Аммо ҳақиқати таърихиро бояд эътироф намуд. То замони Истиқлол тадқиқоти мустақили мукаммали бунёдии ба низом даровардашудаи академӣ нисбат ба таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва нав аз ҷониби олимони маъруфи тоҷик, рус, шуравӣ ва байналхалқӣ анҷом ёфта буд.

**Нобиғагии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он аст, ки дар натиҷаи тадқиқи мавод ва таҷрибаи таърихӣ, махсусан воқеияти талхи солҳои аввали мустақилият дар ҳаёти халқи тоҷик, муборизаҳои шадиди геополитикии муосир ва зарурати ҳаётии ҳифзи манфиатҳои миллии Тоҷикистон, бо таълифи асар ва суханрониҳои андешамандонаи дар умқи фикр сайқалдида, консепсияи Истиқлоли давлатӣ, масъалаҳои хештаншиносӣ ва худшиносии миллиро илман коркард ва ба ҳамватанон пешкаш кард.**

**Дар рафтор, гуфтор ва зиндагии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун инсон ман шахсияти поктинат, одӣ, хоксор, фурӯтан, хушсуҳбат, нектабиат, ҳимматбаланд, фарди доно ва роҳбари тавоно, фасеҳгуфтор, марди худогоҳу ватандӯст, эҳёгари анъана ва бузургии ниёкон, таърихофарин, пайвандгари тоҷикон, ангезандаи руҳи миллӣ, муҳофизи Ватан, масъулиятшинос, руҳбахш, пуркору накукору пурсаъю қарин ба одамони меҳнатӣ ва дардошноро дарёфтам.**

**Ӯ, воқеан, меҳнатдӯст ва заҳматқарин аст.**

**Дар шоҳидӣ ва пеши назари мо садҳо, ҳазорҳо амале ба намоиш гузошт, ки ӯро ҳамчун ҷавонмард, фарзанди баруманди ин сарзамин, ҷонфидо ба хотири сулҳу субот, ваҳдат, якпорчагии Ватан, обрӯ, манзалат ва тақдири таърихии миллат ва давлати тоҷикон муаррифӣ кард.**

Масъулияти таъмини амнияти мамлакат, ки солҳо ба дӯши банда гузошта шудааст, воқеан, ҳамарӯза сайқали дониш, таҷриба ва касбиятро тақозо мекунад.

**Бояд эътироф намуд, ки Роҳбари давлат ҳангоми баррасӣ, таҳлил ва арзёбии маълумот, дараҷаи баланди истеъдоди фитрӣ, тавони расидан ба моҳияти масъала, дарк кардани тазоде, ки аз аломатҳои зоҳирии маълумот ба қонунмандӣ ва умқи падидаи ҷолиби таваҷҷуҳ мебарад, муносибат мекунад.**

**Дар қабули қарор иродатмандӣ, солорӣ ва мустақилияти омӯзанда аз худ нишон медиҳад. Моро низ ба чунин муносибат ба ҳама гуна далел водор месозад.**

**Хирад ва таҳаммулпазирии Роҳбари давлат бо вуҷуди серталабӣ, дар муносибат бо аъзои Ҳукумат, роҳбарони дараҷаҳои гуногуни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, дар лаҳзаҳои ҳассос, мураккаб ва гоҳо нобарории иҷрои вазифаҳои хизматӣ, барои ҳама гуна сатҳҳои мақомот намунаи барҷастаи омӯзиш, таҷрибаандӯзӣ, арзёбӣ ва хулосабарорӣ аст.**

**Дар бораи роҳ, усул, маърифат, назокат, муоширaт ва фарҳанги волои идории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон месазад тадқиқоти тахассусмандонаи академии шоистаи илмӣ ба анҷом расад. Ва он ҳамчун мактаби раҳбарии давлатдории миллии намунаи ибрат мавриди истифодаи наслҳо қарор гирад.**

**С. ЯТИМОВ**

СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ 2024

# ҚАСИДАИ ВАҲДАТИ ҚОНУН

**Азизонам, ба ҳам оед барои иззати қонун,**
**Бувад афзал зи ҳар як сарвати мо давлати қонун.**
**Тамоми равнақи аҳли башар гирад аз он маншаъ,**
**Бубинед, то чӣ ҳад бошад тавону қудрати қонун.**
**Ба назм оварда он роҳу тариқи зиндагониро,**
**Кунем таъзим ба азму шаъну шони савлати қонун.**
**Агар қонун набошад, вожгун гардад самову арш,**
**Баҳори зиндагонӣ сабз шуд дар ҳикмати қонун.**
**Масири одаму олам набошад бе сару бе по,**
**Биёед, арҷ бигзорем ба ҳар як қисмати қонун.**
**Набошад тарс бар дилҳо, бигардад ҳаллу мушкилҳо,**
**Бувад яксон ба ҳар инсон нигоҳу хислати қонун.**
**Намонад ҳеҷ кас навмед зи ҳаллу фасли аъмолаш,**
**Биёбад роҳи ҳалли мушкилаш аз нусрати қонун.**
**Ало, эй худпарастону ҷафокорони беимон,**
**Битарсед аз низому аз калому ҳайбати қонун.**
**Агар озод ҷустан бошадо мақсуди умри мо,**
**Пазиред тору пуду муҳтавову фитрати қонун.**
**Набошад ҳар қадар берун зи дастуру қавонине,**
**Ҳамоно шарт бошад доимо дар тоати қонун.**
**Ба паймони ҳақиқат саҷда орем бо дили иқрор,**
**Бувад боло зи ҳар аҳде мароми байъати қонун.**
**Мақоми дунявӣ дорад низоми давлати маҳбуб,**
**Ҳуқуқбунёд варо хонем барои мидҳати қонун.**
**Дилу ҷон пок созед бо камоли маърифат доим,**
**Наҷӯед айбу нуқсу иштибоҳ дар соҳати қонун.**
**Ба чашми дил назар кардан, азизон, ҳикмате дорад,**
**Биёбад роҳи ҳақ дар зиндагӣ аз ибрати қонун.**
**Иҷобат бошадо фарзу итоат бошадо қарзе,**
**Ба ҳар ҳолу ба ҳар ҷое пазиред даъвати қонун.**
**Агар дар файсали мушкил ба дастуре кунӣ иснод,**
**Шавад ҳосил муроди кас зи файзу неъмати қонун.**
**Надорам заррае шак дар каломи ҳарфу мазмунаш,**
**Кунам имзо зи ҷону дил ба ҳар як сархати қонун.**
**Набояд мунҳариф шуд аз раҳи адлу адолат ҳеҷ,**
**Сари солим ҳамеша бошадо дар хизмати қонун.**
**Сано хонам ба афроде, ки дорад сад ҳунар бо худ,**
**Вале авло бувад дар зиндагонӣ санъати қонун.**
**Барои иддае авфу гузашту имтиёзе ҳаст,**
**Сабақ бояд гирифт аз раҳмату аз шафқати қонун.**
**Замони якдилию якмаромӣ неъмати воло,**
**Биёрад халқро бо ҳам мароми ваҳдати қонун.**
**Тамоми кӯшишу ҷаҳду талошу саъйи пайваста**
**Нагирад равнақу авҷу барор бе ширкати қонун.**
**Муназзаҳ бошадо ҳарфу ҳиҷову сатру маънояш,**
**Бияфзояд мақому рутбаву ҳам қимати қонун.**
**Дареғо, дар канору гӯшаи дунё бувад халқе,**
**Ки бо дарду алам сӯзад басе дар ҳасрати қонун.**
**Раҳо созад зи буҳтону разолат бегуноҳонро,**
**Ҳазорон шукр бояд гуфт зи лутфу миннати қонун.**
**Бувад ҳомии Сарқонуни давлат Пешвои мо,**
**Мураттаб кардааст назму низому ҳолати қонун.**
**Басар шуд худсарию бенизомиҳо, аё Давлат,**
**Сари таъзим фуруд орем ба назди ҳиммати қонун.**

**Пайшанбе ДАВЛАТ,**
**ноҳияи Рӯшон**

# РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ ДАР РОССИЯ



**(Идома аз саҳ. 1)**

Тибқи рӯзнома Шурои Ассамблеяи байнипарламентӣ як қатор масъалаҳо дар хусуси фаъолияти Шурои Ассамблеяи байнипарламентӣ ва мақомоти кории он, Мурожиати Шурои Ассамблеяи байнипарламентӣ ба муносибати 80-солагии Рӯзи Ғалаба, инчунин, дигар масоили ҷориро мавриди баррасӣ қарор дода, қарорҳои дахлдор қабул намуд.

**22-юми ноябри соли 2024 дар доираи чорабиниҳои нақшавии Ассамблеяи байнипарламентӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва Раиси Сенати Парламенти Ҷумҳурии Қазоқистон Маулен Ашимбаев мулоқот анҷом доданд.**

Зимни суҳбат ҷонибҳо ҳолати имрӯза ва дурнамои муносибатҳои стратегӣ ва ҳампаймонии Тоҷикистону Қазоқистон, инчунин, ҳамкориҳои байнипарламентии ҳар ду кишварро баррасӣ карданд.

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки робитаҳои дӯстона ва ҳамсоягии нек, ҳамкориҳои созанда ва эътимодбахши дуҷониба бо Ҷумҳурии Қазоқистон аз афзалиятҳои муҳими сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Дар ин зимн рушди бемайлони ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва тамоили афзоиши устувори нишондиҳандаҳои гардиши мол миёни кишварҳо натиҷаи неки талошҳои ҳар ду ҷониб арзёбӣ гардид.



Ҳамчунин, дар вохӯрӣ масъалаҳои муҳими рӯзномаи минтақа ва ҷаҳон мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

**22-юми ноябри соли равон дар ҳошияи ҷаласаи шуро ва ҷаласаи 57-уми пленарии Ассамблеяи байнипарламентӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Раиси Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Раиси Шурои Федератсияи Маҷлиси федералии Федератсияи Россия Валентина Матвиенко мулоқот намуданд.**

Зимни суҳбат ҷонибҳо аз тамоили устувори рушди ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, фарҳангию гуманитарӣ ва байнипарламентии Тоҷикистону Россия изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Зарурати истифодаи пурраи зарфиятҳо ва имкониятҳои ҳамкориҳои дуҷониба дар самтҳои афзалиятноки тиҷоратию сармоягузорӣ ва фарҳангию гуманитарӣ муҳим дониста шуд.



Дар идомаи суҳбат ҷонибҳо, ҳамчунин, оид ба масъалаҳои дигари рӯзномаи байналмилалию минтақавӣ мубодилаи афкор намуданд.

**22-юми ноябри соли ҷорӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар кори ҷаласаи 57-уми пленарии Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Зимни суханронӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, нахуст, ба ҷониби Россия барои пазироии самимӣ ва анҷоми раёсати бобарори он ҷониб дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил изҳори сипос намуданд.

Сипас, тибқи рӯзномаи ҷаласаи пленарӣ муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар бораи нақши институти мушоҳидаи байналмилалии интихобот дар рушди демократия ва ҳифзи соҳибихтиёрии давлатии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил андешаҳояшонро иброз намуданд.

Зикр карда шуд, ки мушоҳидаи байналмилалии равандҳои интихобот ва раъйпурсӣ аз муҳимтарин унсурҳои ҳамкориҳои сиёсиву ҳуқуқии байни кишварҳо ба ҳисоб рафта, нақши он дар такмили танзими ҳуқуқӣ ва заминаи қонунгузории миллии омодагӣ ва гузаронидани интихоботҳо назаррас аст.

Дар кори ҷаласа, ҳамчунин, раисони парламентҳо ва ҳайатҳои парламентии ҷумҳуриҳои Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия иштирок доштанд.

Дар идомаи кори ҷаласаи 57-уми пленарии Ассамблеяи байнипарламентӣ оид ба масъалаҳои дигари рӯзнома мубодилаи афкор сурат гирифта, қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд.



**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ баъд аз иштирок дар ҷаласаи 57-уми пленарии Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба Ватан баргаштанд.**

**www.majmilli.tj**

# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ ДАР МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**Бисту дуюми ноябри соли 2024 дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷлиси тантанавӣ баргузор гардид. Раиси Маҷлиси намояндагон Маҳмадтоир Зокирзода изҳор дошт, ки Парчам ба сифати яке аз рамзҳои асосии давлатдорӣ таҷассумгари асосҳои таърихиву мероси арзишманди миллӣ, ифодакунандаи мақсаду маром ва орзуву ормони халқи куҳанбунёдамон ба ҳисоб рафта, рангу аломатҳои он ифодагари воқеияти роҳи таърихии халқи куҳанбунёди мост.**

Парчами давлатӣ барои ҳар халқу миллат, аз ҷумла барои мо - тоҷикон, муқаддас аст. Эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ, аз ҷумла Парчам, арҷ гузоштан ба арзишҳои дирӯзу имрӯз ва фардои миллат аст. Бинобар ин, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ - Конститутсия, Нишону Парчами давлатӣ ва Суруди Миллӣ бояд дар миёни мардум, пеш аз ҳама, наврасону ҷавонон ҳамчун рамзи нангу номус ва шарафи миллӣ вусъат пайдо намояд.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сурайё Дӯстмуродзода аз таърихи давлатдории тоҷикон ва рисолати парчамдории миллати тоҷик ёдовар шуд. Бино ба гуфти ӯ, агар роҳи сангину пур аз тазод ва муборизаҳои пурфоҷиаи миллати тоҷикро дар чанд ҷумла ҳамчун маҷмӯи ахбороти бузург тасаввур намоем, он аз Пешдодиён то Сомониён, аз Сомониён то Аморати Бухоро, аз Аморати Бухоро то ташкили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ ва ниҳоят, соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлатдории миллӣ рӯнамо мегардад. Миёни ин се зинаи таърихӣ беш аз панҷ ҳазор сол инкишофи давлату давлатдорӣ, фарҳанги оламшумул, низоми ташаккулёфтаи девондорию идоракунӣ, суннати усулан қавӣ ва забони шевою осори гаронбаҳои моддӣ ва маънавие, ки умумибашарӣ гаштаанд, моро ҳамчун яке аз қадимтарин миллати тамаддунофар дар ҷаҳон муаррифӣ менамояд.





Заҳматҳои таи 30 сол кашидаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имкон фароҳам овард, ки Нишон ва Парчами давлатӣ - ду рамзи давлатдориамон боз партарафшон гаштанд ва рангҳояшон ҷилои фазои озодиву осоиштагиро дар худ бо тоҷу ҳафт ситора таҷассум намуда, то имрӯз мондагоранд ва бо пайванд ба Суруди Миллӣ, се сармояи маънавии боарзиштарини нишондиҳандаи ҳувият ва идораи давлатӣ мебошанд. Сурайё Дӯстмуродзода изҳор дошт, ки парчам рамзест, ки мансубияти одамонро дар хизмати давлатӣ ва намояндагии тамоми сатҳҳо муаррифӣ менамояд. Аз кадом зовия назар наафканем, дар рангҳояш ҳама тобишҳо ва ҷилои ҳаёт ҳувайдост.

- Устувории пояи Парчам аз устувории мавқеи сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоии мост, ки аз ҳувияти миллӣ маншаъ мегирад,- таъкид кард номбурда.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Файзалӣ Идизода доир ба таърихи парчамҳои навини давлатдории тоҷикон сухан кард. Номбурда намунаҳои парчамҳои Тоҷикистонро аз замони таъсис дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ то имрӯз ба иштирокчиён нишон дода, дар бораи таърихи таҳия ва қабули онҳо маълумот дод. Бино ба гуфти ӯ, Парчами давлатӣ дар замони муосир аз рамзҳои асосии мавҷудияти давлат буда, бинобар дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар аҳамияти муҳим доштанаш вазъи ҳуқуқии он бо Конститутсия ва қонунҳо танзим мешавад.

Пас аз соҳибистиқлол гардидани кишвар яке аз дастовардҳои беназири он қабули Парчами давлатӣ буд, ки 24-уми ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор гирифт. Баъдан, 6 ноябри соли 1994 Конститутсияи Тоҷикистон қабул гардид, ки тибқи моддаи 3-юми он Парчам ҳамчун рамзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шуда, он хусусияти конститутсионӣ гирифт.

11 декабри соли 1999 бо Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомнома дар бораи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуда, дар қисми якуми он қайд гардид, ки Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Пас аз қабули Низомнома, 12 майи соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуд, ки мутобиқи қонуни мазкур вазъи ҳуқуқӣ, тартиби омодасозии он, моҳият ва тартиби истифодабарии он муқаррар гардидааст. Ҳамчунин, мутобиқи қонуни зикршуда эҳтироми хоса нисбат ба парчам вазифаи ҳар як шаҳрванд ба ҳисоб меравад ва дар ҳама ҳолат ба рамзҳои давлатӣ бояд тарзе муносибат намуд, ки беэҳтиромӣ нисбати он зоҳир нагардад, зеро ҳангоми беэҳтиромиву беэътиноӣ ва дигар кирдорҳои ношоям нисбати ин рамзи муқаддаси миллат ҷавобгарӣ низ муқаррар гардидааст, - изҳор дошт Файзалӣ Идизода.

Узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Гавҳар Шарофзода доир ба таърихи парчамдории миллати тоҷик маърӯза кард. Бино ба гуфти ӯ, қадимтарин парчами тоҷикон аз 6000 то 30000 сол таърих дошта, аз фулузот сохта шуда будааст. Замоне ин парчам таърихи моро муаррифӣ мекард, ки ҳоло китоби «Авесто» иншо нагардида будааст. Ҳамзамон, дар сарчашмаҳо дар бораи империяҳои бузурги тоҷикон ва парчамдории онҳо далелҳои зиёде мавҷуданд.

Аз ҷумла, Шоҳи Бағдод (Бағ-Худо аст) дар сиккаҳо нақши парчамро тарҳрезӣ намудааст, ки дар он шоҳ сумбула дар даст дошт ва дар паҳлуяш парчам ҷилва дорад. Империяи бузурги Сосониён низ парчами мушаххас дошт, ки дорои сангҳои қиматбаҳо буд. Дар «Шоҳнома» бошад, нақши парчам хеле барҷаста буд.

Дар замони Ҳахоманишиҳо ин муқаддасот бо номи дирафш дар сарчашмаҳо омадааст, ки он аз замони империяи Куруши Кабир ҳикоят мекунад.

Давлатҳои Ҳахоманишиниҳо, Ашкониён, Кӯшониён, Тоҳириён, Яфталиён, Сосониён, Саффориён, Ғуриён, Сомониён низ дирафши худро доштанд.

- Дар таърих Дирафши тоҷикон бо номи Дирафши ковиёнӣ хеле маъмул ва машҳур аст, ки он дар «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ хеле барҷаста ба қалам дода шудааст ва он аз замони Коваи оҳангар сарчашма мегирад, - зикр кард номбурда. - Бархе аз пажӯҳишгарон бар ин боваранд, ки дирафшҳои ёдшуда дар «Авесто» монанд ба «Дирафши ковиёнӣ» будаанд, ки муҳаққиқон онро дертар пайдо кардаанд.

Муовини якуми роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон Манижа Расулзода таҷлили Рӯзи Парчами давлатиро чун нишони садоқати имрӯзиён ба анъанаҳои гузашта, арҷгузорӣ ба арзишҳои умумимиллӣ ва таҷассуми мақсаду мароми мо дар роҳи эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёду дунявӣ арзёбӣ намуда, зикр кард, ки дар баробари ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ бузургтарин дастовард барои миллати тоҷик баргузории Иҷлосияи тақдирсоз ва дар он қабул гардидани Парчами давлатӣ маҳсуб меёбад. Нотиқ аз он ёдовар шуд, ки соли 2009 сохтмони майдони Парчам ва сутуни он бо гулгаштҳои васеъ, кӯли сунъӣ, фаввора ва муҷассамаҳои қаҳрамонони таърихӣ тарҳрезӣ шуд.

- Дар бунёди он бинокорони ватанию байналмилалӣ заҳмати зиёд кашида, санъати баланди касбӣ нишон доданд. Парчами давлатии Тоҷикистон 30-юми августи соли 2011 дар яке аз мавзеъҳои зеботарини пойтахти кишварамон - шаҳри Душанбе бо ибтикори Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баландии 165 метр насб гардид, ки дидани он дар замири ҳар фард эҳсоси ватандӯстию меҳанпарастӣ, худогоҳию хештаншиносӣ ва ифтихор аз истиқлолу озодиро афзун мегардонад.

Дар чунин шакл ва андоза бунёд гардидани Парчам намоди давлатдории қадимии халқи тоҷик мебошад, ки ба ҳар як ваҷаби он як давраи таърихии нашъунамои миллию сиёсии тоҷикон рост меояд. Қуллаи Парчам қуллаи баланди ташкили давлатдории мустақил мебошад, ки онро тоҷикон ба баҳои беназири моддию маънавӣ тӯли таърих ба даст овардаанд, - зикр кард номбурда.

Бино ба гуфти ӯ, арзишҳои миллӣ ҷавҳари ҳастии ҳар як миллат буда, ҳеҷ миллат наметавонад бидуни арзишҳои хоси хеш арзи вуҷуд намояд. Посдорӣ ва эҳтироми арзишҳои миллӣ, инчунин, саъю талош намудан барои мондагории онҳо масъулияти миллӣ ва шаҳрвандии ҳар фард аст. Аз ин рӯ, эҳтироми Парчами давлатӣ арҷгузорӣ ба таҷрибаи давлатдории гузаштагони мо маҳсуб ёфта, қадрдонии он вазифаи ҳар як фарди ҷомеа мебошад.

- Мо, насли имрӯзи миллат, барои дар руҳияи эҳтиром ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ тарбия намудани ҷавонону наврасон масъул мебошем. Бояд онҳо муҳофизони аслӣ ва боэътимоди Ватан, амнияти давлату миллат, сарчашма ва манбаи асосии рушди имрӯзуояндаи кишвари худ бошанд.

Дар шароити авҷ гирифтани таҳдидҳои замони муосир бояд ҷавонону наврасон зери Парчами партавафшони давлати соҳибистиқлол бо қалби пок ва самимияти ватандорӣ саф кашида, дар сояи давлати мутамаддин ва дар партави сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон идомадиҳандаи ниёгони фарҳангсолори хеш бошанд, - таъкид кард Манижа Расулзода.

Чорабиниро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷамъбаст намуда, ҳозиринро ба арҷгузории бештари муқаддасоти миллӣ, аз ҷумла Парчами давлатӣ, талқин намуд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум»**

# МУЛОҚОТИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО СТИВ ДЕЙНС



**23-юми ноябри соли 2024 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо сенатори Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, узви Кумитаи сенат доир ба масоили захираҳои энергетикӣ ва табиӣ Стив Дейнс ва ҳамроҳони ӯ мулоқот намуд.**

Зимни мулоқот таъкид шуд, ки Маҷлиси намояндагон ба ҳамаи талаботи парламентаризми байналмилалӣ ҷавобгӯ буда, дар арсаи байналмилалӣ фаъолона баромад мекунад ва пайваста робитаҳоро бо парлумонҳои кишварҳои дигар густариш медиҳад.

Гуфта шуд, ки тавассути гурӯҳҳои дӯстии парлумонӣ имрӯз Тоҷикистон бо зиёда аз 80 парлумони кишварҳои дигар ва созмонҳои байналмилалии парлумонӣ робита барқарор намуда, онҳоро рушд дода истодааст.

Дар интиҳои мулоқот ҷонибҳо ба ҳамкории парлумонҳо дар доираи ниҳодҳои байналмилаливу минтақавӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Дар мулоқот, ҳамчунин, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода, роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон Абдуҷаббор Сатторзода ва муовини сардори раёсати робитаҳои хориҷӣ, байнипарламентӣ, ташрифотӣ ва ташкили кор Талабшоҳ Шарифзода иштирок намуданд.

**www.parlament.tj**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 13 декабри соли 2024 озмуни №14-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ баргузор менамояд

| т/р | Дорандаи баланс | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора | Муҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Раёсати давлатии бозрасии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Ҷ.Расулов 69 | масоҳати 9 м$^2$ аз ҳисоби бинои ШБИ РБДА | хизматрасонии бонкӣ | 11400 | 3 сол |
| 2 | МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» | ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1 | масоҳати 9 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди бинои таълимии №1 | савдо | 3240 | 1 сол |
| 3 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Н.Қарабоев 63/3 | масоҳати 466 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бино | хӯроки умумӣ | 44736 | 1 сол |
| 4 | Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон | ш.Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1 | масоҳати 15 м$^2$ аз ҳисоби бинои таълимии №2 | нуқтаи савдои молҳои канселярӣ | 2700 | 1 сол |
| 5 | ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш.Турсунзода | масоҳати 232 м$^2$ аз ҳисоби бинои КТМ-3 | истеҳсолӣ | 8630 | 3 сол |
| 6 | Коллеҷи омӯзгории ДДХ ба номи Бобоҷон Ғафуров | ш.Хуҷанд, кӯчаи Репин 60 | масоҳати 8,21 м$^2$ аз ҳисоби бинои коллеҷ | савдо | 5418 | 1 сол |
| 7 | Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 146 | масоҳати 1 м$^2$ аз ҳисоби бинои асосӣ барои гузоштани таҷҳизоти бонкӣ | хизматрасонӣ | 1200 | 1 сол |
| 8 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» | ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1 | масоҳати 5 м$^2$ аз ҳисоби боми бинои таълимии №2 | техникӣ | 4884 | 1 сол |
| 9 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | масоҳати 11,3 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 9-уми бино | маъмурӣ | 4720 | 1 сол |
| 10 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи тиббию судӣ» | ш.Душанбе, к.И.Сомонӣ 59 | масоҳати 20 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди бинои маъмурият | савдо | 7356 | 1 сол |
| 11 | МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» | ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1 | масоҳати 9 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди бинои таълимии №5 | савдо | 3240 | 1 сол |
| 12 | Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази ҷумҳуриявии тибби халқӣ» | ш. Душанбе, к.Саноӣ 33 | масоҳати 24 м$^2$ аз ҳисоби бинои корхона | хизматрасонӣ | 9840 | 1 сол |
| 13 | Корхонаи воҳиди давлатии «Саноати парандапарварии Тоҷикистон» | н.Ваҳдат, ҷамоати деҳоти Н. Розиқ, ш.Наврӯз | масоҳати 32 м$^2$ аз ҳисоби корхона | техникӣ | 19247 | 1 сол |
| 14 | Муассисаи давлатии обуҳавошиносии «Дастаи зидди жолаи шаҳри Ваҳдат» | ш.Ваҳдат, деҳоти ҷамоати Б.Бурунов, деҳаи Чиртак | масоҳати 26 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 15630 | 1 сол |
| 15 | Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, х.Рӯдакӣ 40 | масоҳати 16 м$^2$ аз ҳисоби боми бино | техникӣ | 9630 | 1 сол |
| 16 | Саридораи қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к.Турдиев С. | масоҳати 12 м$^2$ аз ҳисоби корхона | техникӣ | 7225 | 1 сол |
| 17 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к.Н.Қарабоев 54 | масоҳати 24 м$^2$ аз ҳисоби бинои корхона | техникӣ | 14400 | 1 сол |
| 18 | Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е.Н.Павловский | ш. Душанбе, к/п 70 | масоҳати 9 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 5440 | 1 сол |
| 19 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 17 | масоҳати 6 м$^2$ аз ҳисоби шаҳраки донишҷӯёни донишгоҳ | техникӣ | 3620 | 1 сол |
| 20 | КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш.Турсунзода | масоҳати 46 м$^2$ аз ҳисоби боми бинои лабораторияи марказии корхона | техникӣ | 27636 | 1 сол |
| 21 | Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.А.Ғуломов 37/1 | масоҳати 32 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди донишкада | техникӣ | 19220 | 1 сол |
| 22 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Шифобахш» | ш.Душанбе, к.И.Сомонӣ 59 | масоҳати 25 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди марказ | техникӣ | 15035 | 1 сол |
| 23 | МД «Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй» | ш.Душанбе, к.Хуҷандӣ 13 | масоҳати 2,5 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 1212 | 1 сол |
| 24 | Комиссариати ҳарбии ноҳияи Шаҳритуси Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | н.Шаҳритус, к.Рӯдакӣ 45 | масоҳати 18 м$^2$ аз ҳисоби муассиса | техникӣ | 10820 | 1 сол |
| 25 | Муассисаи давлатии «Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб» | ш.Кӯлоб, к.И.Сомонӣ | масоҳати 5 м$^2$ аз ҳисоби боми бинои «Осорхонаи 2700-солагии Кӯлоб» | техникӣ | 3030 | 1 сол |
| 26 | Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | н.Рӯдакӣ, ҷамоати деҳаи Лоҳур, д. Хӯҷахушхон | масоҳати 20 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди деҳа | техникӣ | 12030 | 1 сол |
| 27 | КВД «Маркази миллии ташхису табобат ва таълимӣ» | ш.Душанбе, к.Деҳотӣ 48 | масоҳати 4 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди пушти бино | техникӣ | 2410 | 1 сол |
| 28 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ | ш.Душанбе, х. академикҳо Раҷабовҳо 10 | масоҳати 16 м$^2$ аз ҳисоби донишгоҳ | техникӣ | 9620 | 1 сол |
| 29 | МД «Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи А.Ҷӯраев» | ш.Душанбе, к.Сино 43 | масоҳати 11,34 м$^2$ аз ҳисоби бинои корхона | техникӣ | 7120 | 1 сол |
| 30 | Муассисаи давлатии «Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ» | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 28 | масоҳати 23 м$^2$ аз ҳисоби бинои муассиса | техникӣ | 13800 | 1 сол |
| 31 | МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» | ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1 | масоҳати 7,5 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди донишгоҳ | техникӣ | 4505 | 1 сол |
| 32 | Раёсати Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе | ш.Душанбе, к.Бохтар 35/1 | масоҳати 8 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди бинои филиали донишгоҳ | савдо | 9600 | 1 сол |
| 33 | Муассисаи давлатии «Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Дӯстии халқҳо 94 | масоҳати 180 м$^2$ аз ҳисоби бинои анбор ва 220 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди назди бино | савдо ва шустушӯи нақлиёт | 24000 | 3 сол |
| 34 | Муассисаи ислоҳии 3/2 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Ваҳдат, шаҳраки Хишт | масоҳати 42 м$^2$ аз ҳисоби муассисаи ислоҳии 3/2 | савдо | 8215 | 1 сол |
| 35 | Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикаэронавигатсия» | ш.Душанбе, к.М.Мастонгулов 32/3 | масоҳати 10 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди манора, воқеъ дар шаҳри Кӯлоб, ҷ/д. Зиракӣ, деҳаи Бахтобод | техникӣ | 6360 | 1 сол |
| 36 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Н.Қарабоев 63/3 | масоҳати 38,50 м$^2$ аз ҳисоби бинои донишгоҳ | хизматрасонӣ ва савдо | 18480 | 1 сол |
| 37 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Ҷ.Расулов 6/7 | утоқи кории №16 бо масоҳати 17 м$^2$ аз ҳисоби бинои №32А | утоқи корӣ | 8755 | 1 сол |
| 38 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к. Ҷ.Расулов 6/7 | масоҳати 62 м$^2$ анбори №28 аз ҳисоби бинои №40А | анбор | 17000 | 3 сол |
| 39 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ» | ш.Душанбе, к.Р.Набиев 248 | масоҳати 48 м$^2$ аз ҳисоби тагхонаи бинои маъмурӣ | хизматрасонӣ | 5760 | 3 сол |
| 40 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои дил» | ш.Душанбе, к.И.Сомонӣ 59а | масоҳати 200 м$^2$ аз ҳисоби бинои ҳоҷатхона | хизматрасонӣ | 2600 | 3 сол |
| 41 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | масоҳати 32,6 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 12-уми бино | маъмурӣ | 11729 | 1 сол |
| 42 | Институти чорводорӣ ва чарогоҳ | ш. Душанбе, к. Гипрозем 17 | масоҳати 142,3 м$^2$ аз ҳисоби тагхонаи бино | маъмурӣ ва савдо | 14640 | 1 сол |
| 43 | Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | шаҳри Кӯлоб | масоҳати 15 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 6296 | 1 сол |
| 44 | Корхонаи воҳиди давлатии «Нури Ховар» | шаҳри Истиқлол | масоҳати 23,7 м$^2$ аз ҳисоби корхона | техникӣ | 14230 | 1 сол |
| 45 | Филиали суғдии Институти боғпарварию сабзавоткорӣ дар ноҳияи Б.Ғафуров | ноҳияи Б.Ғафуров, ҷамоати деҳоти Овчӣ-Қалъача, шаҳраки Мичурин | масоҳати 25,64 м$^2$ аз ҳисоби бино ва ҳудуди лаборатория | техникӣ | 15369 | 1 сол |
| 46 | Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар 48 | масоҳати 186 м$^2$ аз ҳисоби тагхонаи бино | хӯроки умумӣ | 44640 | 1 сол |
| 47 | МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» | ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1 | масоҳати 26 м$^2$ аз ҳисоби худуди бинои таълимии №1 | савдо | 9360 | 1 сол |
| 48 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Н.Қарабоев 63/3 | масоҳати 9,4 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бино | хӯроки умумӣ | 5640 | 3 сол |
| 49 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи омори шаҳри Ваҳдат» | ш.Ваҳдат, хиёбони Сомониён 22 | масоҳати 70 м$^2$ аз ҳисоби бинои муассиса | хӯроки умумӣ | 15600 | 3 сол |
| 50 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои сутунмуҳра» | ш.Душанбе, к.И.Сомонӣ 59 | масоҳати 25,26 м$^2$ аз ҳисоби тагхонаи бино | савдо | 14000 | 3 сол |
| 51 | МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» | н.Данғара, к.Исмат Шарифов 3 | масоҳати 9 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди бино | савдо | 5400 | 1 сол |
| 52 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии политехникии шаҳри Хуҷанд» | ш.Хуҷанд, к.Шарқ 29 | масоҳати 315,6 м$^2$ аз ҳисоби даромадгоҳи бинои устохона | истеҳсолӣ | 18936 | 1 сол |
| 53 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | масоҳати 12 м$^2$ аз ҳисоби бинои корхона | техникӣ | 7220 | 1 сол |
| 54 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои сутунмуҳра» | ш.Душанбе, к.И.Сомонӣ 59 | масоҳати 37 м$^2$ аз ҳисоби тагхонаи бино | хизматрасонӣ | 17760 | 1 сол |
| 55 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон-Шифобахш» | ш.Душанбе, к.И.Сомонӣ 59 | масоҳати 30 м$^2$ аз ҳисоби бинои ошхона | савдо | 18000 | 3 сол |
| 56 | Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф | ш.Душанбе, к.Нисормуҳаммад 15 | масоҳати 11,34 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бино | сехи дӯзандагӣ | 2700 | 1 сол |
| 57 | Раёсати стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои вилояти Суғд | ш.Хуҷанд, маҳаллаи Темурмалик, микроноҳияи 7, бинои 7 | масоҳати 1 м$^2$ аз ҳисоби корхона барои гузоштани тачҳизоти бонкӣ | хизматрасонии бонкӣ | 1800 | 1 сол |
| 58 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | масоҳати 23 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 10-уми бино | маъмурӣ | 11040 | 1 сол |
| 59 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | масоҳати 11,3 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 12-уми бино | маъмурӣ | 5424 | 1 сол |
| 60 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | масоҳати 10 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 11-уми бино | маъмурӣ | 4800 | 1 сол |
| 61 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | масоҳати 11,3 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 12-уми бино | маъмурӣ | 5424 | 1 сол |
| 62 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | масоҳати 11,3 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 12-уми бино | маъмурӣ | 5424 | 1 сол |
| 63 | Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикаэронавигатсия» | ш.Душанбе, к. М. Мастонгулов 32/3 | масоҳати 2 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 1200 | 1 сол |
| 64 | Муассисаи давлатии ҷумҳуриявии «Мамнуъгоҳи таърихӣ-фарҳангии Ҳисор» | ш.Ҳисор, ҷамоати деҳоти Ҳисор, деҳаи Ҳисор | масоҳати 25 м$^2$ аз ҳисоби бинои навбарқароршуда | савдо | 3530 | 1 сол |
| 65 | МД «Сирки давлатии Тоҷикистон» | ш.Душанбе, к.Н.Қарабоев 2 | масоҳати 38,7 м$^2$ аз ҳисоби қисмати ғарбии паҳлуи бинои муассиса - объекти №11 | савдо | 6965 | 1 сол |
| 66 | Муассисаи давлатии «Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С.Айнӣ» | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 28 | масоҳати 1 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди муассиса барои гузоштани таҷҳизоти бонкӣ | хизматрасонӣ | 12000 | 1 сол |
| 67 | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 5 | масоҳати 68,40 м$^2$ аз ҳисоби бинои анборхона | истеҳсолӣ | 20520 | 1 сол |
| 68 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | ш.Душанбе, к.Беҳзод 25 | масоҳати 197 м$^2$ аз ҳисоби бинои кинотеатри «Душанбе», воқеъ дар шаҳри Роғун | маъмурӣ | 94560 | 1 сол |
| 69 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Ҷ.Расулов 6/7 | анбори №31 бо масоҳати 50 м$^2$ аз ҳисоби бинои №34А | анбор | 30160 | 1 сол |
| 70 | Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикаэронавигатсия» | ш.Душанбе, к. М.Мастонгулов 32/3 | масоҳати 15 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 9215 | 1 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад. Ҷойи баргузории озмун - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел 221-73-74, 221-33-66, шаҳри Бохтар, кӯчаи А. Сино 4, тел:+992 3222 2-77-25 ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: (83422) 4-52-91, мобилӣ: 92-758-00-96.**

Озмун **соати 10$^{00}$** баргузор мегардад. Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як иншоот баробар аст. Пардохти кафолатнок ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, иҷорагир ба ҳисоби корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши иншооти иҷора дохил намешавад. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74, сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон** гирифтан мумкин аст.


# ЭЪЛОН!

Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Корхонаи истеҳсолию сохтмони дарё» (РМА 030026071), бинобар сабаби ташаккул наёфтани саҳмҳо, ҳаҷми сармояи оинномавиашро аз 730 000 (ҳафтсаду сӣ ҳазор) сомонӣ ба 5000 (панҷ ҳазор) сомонӣ кам менамояд.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Муҳри гумшудаи деҳаи Румии ҷамоати шаҳраки Мирзо Турсунзодаи ноҳияи Рӯдакӣ (РМА 125739936), эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ бо рақами инвентарии 31177, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ҳисор соли 2019 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, шаҳраки Шарора, маҳаллаи Уртабуз, ба Сайфидинов Фарҳод додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи №488105, ки онро мактаби миёнаи №20-и ноҳияи Ғарм (ҳоло муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №20-и ноҳияи Тоҷикобод) дар бораи таҳсилоти миёнаи нопурра 11 июни соли 1990 ба Маҳмудов Суҳробшоҳ Аловудинович додааст, эътибор надорад.

✓ Муҳри гумшудаи ҷамъияти боғдории «Медик»-и Беморхонаи марказии шаҳри Ҳисор, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи бинои ошхона, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе соли 2008 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, бинои 65, ба Нурзодаев Абдулаҳат Сатторович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ВТ-1 № 449968, ки онро Техникуми молиявӣ-иқтисодии шаҳри Душанбе бо ихтисоси «Буҷети давлатӣ» 29 апрели соли 1985 таҳти қайди Ц-№1251 ба Ишанкулова Мавжуда Тоировна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи афсарии гумшуда, ки онро Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2016 ба Мирзоев Ҷомӣ Ҳукматуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидории таҳти №19486, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ваҳдат 20 ноябри соли 1988 ба Ҷомиев Қурбон додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Файзобод 19 марти соли 2020 таҳти феҳрасти 1Ш-75 ба Ҷомиев Қурбон додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаҳои гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ки онҳоро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Файзобод таҳти №0367568 санаи 11 январи соли 2022, №0281157 таҳти қайди 3682 санаи 21 январи соли 2021 ба Ҷомиев Муҳаммад Қурбонович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи №0046432, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №50-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2004 ба Гулов Убайдулло Иззатуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А 04685235, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 13 декабри соли 2022 ба Бозоров Суҳроб Илмуродович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, гузаргоҳи 16-уми кӯчаи А. Қаҳҳоров, хонаи 22, ба Шарипов Қуваталӣ Пирович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи қонунигардонии молу мулк, ки онро Комиссияи қонунигардонии молу мулки ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 14 ноябри соли 2008 таҳти №1060 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, гузаргоҳи 16-уми кӯчаи А. Қаҳҳоров, хонаи 22 ба Негматова Зебо додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0062983, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Варзоб 2 майи соли 2017 ба Абдуллоев Неъматулло Бобоевич додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Дармонбахш 2016» (РЯМ 0410029932, РМА 040051049), воқеъ дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабл карда мешавад.



Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 25 ноябри соли 2024, соати 14:25 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33040 нусха*

Навбатдори шумора
Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97